**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
И.в. директори Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Буризода Э.Б.
_______________
«___» ___01___ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ШУЪБАИ ҲУҚУҚИ ДАВЛАТИИ ИНСТИТУТИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба иҷро расидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Қурбонзода Афзуна Азим унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Қурбонзода Афзуна Азим соли 2012 ба факултети педагогии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров дохил гардида, соли 2016 онро аз рӯи ихтисоси «психология» хатм намудааст. Ҳамзамон, номбурда соли 2016 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил гардида, соли 2018 онро бо дараҷаи магистри ҳуқуқ аз рӯи ихтисоси “ҳуқуқи иқтисодӣ” хатм намудааст.

Аз 09-уми октябри соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯи ихтисосҳои ҳимояшаванда ба тариқи шартномавӣ қабул гардидааст (фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови АМИТ аз 09-уми октябри соли 2019, таҳти №225).

Мавзуи диссертатсия – “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи илмҳои Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (4-уми сентябри соли 2020, суратмаҷлиси №7).

**Роҳбари илмӣ**: Қудратов Некруз Абдунабиевич доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 20 сентябри соли 2023, таҳти №1095 дода шудааст.

Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 23 январи

соли 2026 №1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ омода шудааст.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсия дар доираи мавзуъҳои лоиҳавии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ барои солҳои 2016-2020 «Рушди падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар давраи муосир» (рақами қайди давлатӣ 0116TJ00765 аз 01.01.2016 с.) ва барои солҳои 2021-2025 «Конститутсия ва рушди асосҳои ҳуқуқии сохтори давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон» (рақами қайди давлатӣ 0121TJ1102 аз 24.02.2021 с.), инчунин Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омода гардидааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди тахрибкорӣ ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмӯи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди тахрибкорӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти баъдӣ дар ин соҳа замина мегузоранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти муаллиф метавонанд дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятткорӣ, аз ҷумла бар зидди тахрибкорӣ, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва бандубасти ҷинояти мазкур, муайян намудани рақобати меъёрҳо байни тахрибкорӣ ва терроризм, зимни омода намудани қарори Пленуми Суди Олии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва яксони қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор дода шавад. Маводди таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шавад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуқтаҳои назари олимон (доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ) ва инчунин нуқтаи назари шахсии муаллиф, модели нави меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ пешбинӣ менамояд, пешниҳод гардидаанд. Дар диссертатсия, инчунин, зарурати такмил додани м. 309 КҶ ҶТ, сохтори нави он пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қонунҳои ҷиноятии Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногуни рушди таърихӣ таҳлил карда шуда, тадбирҳои зарурӣ барои мукаммалгардии сохтори таркибии ҷинояти мазкур андешида шудаанд. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Дар асоси тадқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ (принсипи таърихият) рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аз рӯи ташаккул ва инкишофаш ба ду давраи асосӣ ҷудо карда шудааст: а) давраи Шуравӣ (солҳои 1917-1991) - ташаккулёбии ҷинояти тахрибкорӣ дар сатҳи қонунгузорӣ; б) замони истиқлол, дар сохтори таркиби ҷинояти тахрибкорӣ, навъ ва андозаи ҷазо, аломатҳои бандубасткунандаи таркиби ҷиноят, шакли гуноҳ ва аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти тадқиқшаванда тағйироти назаррас ба миён омаданд.

2. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ имконият дод, ки ба таври мушаххас қонунияти пайдоиши манъи ҳуқуқӣ

– ҷиноят, тахрибкорӣ, ҳастӣ ва татбиқи он, ояндаи инкишоф ва мукаммалгардии таркиби он муайян карда шавад. Чунин ҷиҳатҳои мусбии (навгонии) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ метавонанд дар самти мукаммалгардии КҶ ҶТ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ аҳамияти махсус дошта бошанд: а) криминализатсия намудани мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълимот барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона ва ташкили гурӯҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он; тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, зарар ба саломатии онҳо, инчунин заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия, эпизоотия ва эпифитотия алоқаманд аст; б) муқаррар намудани аломатҳои банду-бастшаванда, ба монандӣ: - содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; 2) тахрибкорие, ки сабаби бавуҷуд омадани зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад; 3) тахрибкорие, ки боиси марги инсон гаштааст.

3. Давлатҳои хориҷӣ, гурӯҳҳои (ташкилотҳои) террористию экстремистӣ метавонанд тахрибкориро бо мақсади суст кардани амнияти миллӣ ва заиф гардонидани амнияти иқтисодии Тоҷикистон, пешбурди манфиатҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, душманона, иқтисодӣ ва ғайраҳо истифода баранд ва он аксаран ба таври пинҳонӣ сурат мегирад. Тахрибкорӣ дар ҷаҳони муосир метавонад аз ҳар гӯшаи ҷаҳон анҷом дода шавад. Истифодаи бемамониати ТИК дар масъалаҳои амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавӣ шаклҳои нави тарафи объективии тахрибкориро ба вуҷуд меорад, яъне тахрибкории кибернетикиро. Ин муқаррарот бояд аз категорияи гипотеза ба категорияи амалияи устувор гузарад. Корношоям кардани инфраструктураи ҳарбӣ, таҷҳизоти саноатӣ, системаҳои автоматии идоракунӣ, барномаҳои компютерӣ ва дигар иншооти мудофиавӣ муҳимтарин вазифаҳоест, ки дар натиҷаи тахрибкории кибернетикӣ ҳал карда шудаанд. Барои ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавӣ аз ҳамлаи киберӣ, ки ба амнияти давлат таҷовуз мекунад, ҷиноят ҳисоб карда, ин амал ҳамчун ҷиноят – тахрибкорӣ тасниф карда шавад.

4. Муаллиф дар консепсияи илмии худ пешниҳоди асоснок намудааст, ки дар таркиби тахрибкорӣ криминализатсия намудани чунин ҳолатҳо зарур ва саривақтӣ мебошад: а) криминализатсия намудани шакли муосири содир намудани амалҳои тахрибкорона ва бо ҳамин мақсад ба диспозитсияи моддаи 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ҳамлаҳои киберӣ»; б) оқибатҳои амалҳои тахрибкориро ба назар гирифта, ба диспозитисия м. 309 КҶ ҶТ ворид намудани ибораи «ба куштори оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё расонидани зарари дигар ба саломатии онҳо» зарур мебошад; в) криминализатсия намудан ва ба

таркиби тахрибкорӣ ворид намудани чунин шаклҳои содир намудани амалҳои тахрибкорона ба монанди заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намуданӣ эпидемия, эпизоотия ё эпифитотиҳо;

5. Дар қ. 2 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломатҳои бандубастшавандаи зерин: а) якчандкарата; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) бо истифодаи мақоми хидматӣ; г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок;

6. Дар қ. 3 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломатҳои бандубастшавандаи зерин: а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ; б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок; дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг;

7. Асоснок карда шудааст, ки дар қ. 1 м. 309 ибораи «равона шудааст» ба «бевосита равона шудааст» иваз карда шавад;

8. Пешниҳод карда мешавад, ки ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ шакли нави содир кардани ин ҷиноят, яъне содир кардани тахрибкорӣ тавассути "ҳамлаҳои киберӣ" илова карда шавад. Дар доираи ҳамлаи киберӣ бояд ҳамчун таҷовуз ба шабакаҳои компютерӣ тавассути вуруди беиҷозати онҳо, сирояти оммавӣ бо нармафзори зараровар, забти иттилооти махфӣ ва ғайра фаҳмида шавад, ки мақсади заиф кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд;

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

## I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**[1-А].** Курбонова, А.А. Глобализация как фактор развития транснациональной организованной преступности [Текст] / Н.А. Кудратов, А.А. Курбонова // Законодательство. – 2022. – №1 (45). – С. 118-125; **ISSN 2410-2903.**

**[2-А].** Курбонова, А.А. Нақши Паёми Пешвои миллат дар коҳиш додани сабаб ва шароитҳои ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.А. Қудратов, А.А. Қурбонова, С.И. Ҳабибов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. 2025. - № 3(55). – С. 70-78. **ISSN: 2305-0535**

**[3-А].** Қурбонзода, А.А. Дурнамои рушди қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. - № 4 (68). – С. 154-164. **ISSN: 2412-141X**

**[4-А].** Қурбонзода, А.А. Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии тарафи субъективии ҷинояти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. 2026. - № 1. – С. 287-297. **ISSN: 2413-5151**

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[5-А].** Қурбонова, А.А. Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистон [Матн] / А.А. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2021. - №3 (37). – С. 285-291; **ISSN 2308-054X.**

**[6-А].** Қурбонова, А.А. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2021. - №4/1 (38). – С. 288-293; **ISSN 2308-054X.**

**[7-А].** Қурбонова, А.А. Тавсифи умумии субъекти ҷинояти тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2022. - №1 (40). – С. 365-370; **ISSN 2308-054X.**

**[8-А].** Кудратов, Н.А., Курбонова, А.А. Особенности субъекта измены государства [Текст] / Н.А. Кудратов, А.А. Курбонова // Юридическая наука в XXI веке: актуальные проблемы и перспективы их решений: Сборник научных статей по итогам работы третьего круглого стола со Всероссийским и международным участием (Шахты, 16 марта 2020 года). – Шахты: Общество с ограниченной ответственностью «КОНВЕРТ», 2020. - Том Часть 1. – С. 102-104.

**[9-А].** Курбонова, А.А. Некоторые вопросы определения субъективной стороны диверсии [Текст] / А.А. Курбонова // Юридическая наука в XXI веке: актуальные проблемы и перспективы их решений: сборник научных статей по итогам работы девятого круглого стола со Всероссийским и международным участием (Шахты: Донской государственный технический университет, 29-30 сентября 2020 года). – Шахты: ООО «Конверт», 2020. – Том Часть 1. – С. 124-126.

**[10-А].** Қурбонова, А.А. Саломатӣ ҳамчун объекти ҷиноят [Матн] / А.А. Қурбонова // Маводҳои конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ» (31 майи соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ Меликов У.А., номзади илмҳои ҳуқуқ Қудратов Н.А. – Душанбе: «Баҳманрӯд», 2021. – С. 129-134.

**[11-А].** Қурбонова, А.А. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии тахрибкорӣ [Матн] / А.А. Қурбонова // Маводҳои конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ» (31 майи соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ Меликов У.А., номзади илмҳои ҳуқуқ Қудратов Н.А. – Душанбе: «Баҳманрӯд», 2021. – С. 118-120.

**[12-А].** Қудратов, Н.А., Мирзоева, Қ.А., Сафарова, З.М., Қурбонова, А.А. Пешгирии киберҷиноятҳо [Матн] / Н.А. Қудратов, Қ.А. Мирзоева, З.М. Сафарова, А.А. Қурбонова // Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040), (27-28 декабри соли 2022) / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доткори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2022. – С. 255-261.

**[13-А].** Курбонова, А.А. Социальная обусловленность уголовной ответственности за диверсии [Текст] // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”. – Душанбе: «ДБССТ», 2024. – С. 382-386.

**[14-А].** Kudratov N.A., Kurbonova A.A. Extremist religious education and its influence on the security in the Republic of Tajikistan: criminal - legal and criminological aspects [Text] / N.A. Kudratov, A.A. Kurbonova // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир. 2025. - №1(5). – С. 40-53.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназар-дошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 9 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратмаҷлис аз 23 январи соли 2026, таҳти № 1.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Зоир Ҷ.М.**

**Котиби ҷаласа:**
Лаборанти калони шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Саидзода М.Ё.**

Имзои Зоир Ҷ.М. ва Саидзода М.Ё.-ро тасдиқ мекунам:
И.в. нозири шуъбаи кадрҳои Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Давлатмуродзода Б.Д.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 734025, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 93 444 41 65

"23" 01 2026 с.